«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.

«___» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

ба диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Сабурзода Фаридуни Мирзоали ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), аз ҷумла ба бандҳои зерин мувофиқат менамояд: банди 1.1.-Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ; банди 1.2.-Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ; банди 1.3.-Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; банди 1.5.-Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ; банди 2.2.-Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; банди 2.7.-Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; банди 2.10.-Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ; банди 2.14.-Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; банди 2.16.-Сиёсати буҷетию андозии давлат. Таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир бахшида шуда, пурра дар доираи самтҳои илмии ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қарор дорад.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо тағйирёбии босуръати равандҳои иқтисодию молиявӣ, афзоиши номуайянӣ дар бозорҳои байналмилалӣ ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти миллӣ тавсиф меёбад, масъалаи таъмини

устувории низоми молиявӣ ва такмили механизмҳои танзими он аҳаммияти рӯзафзун касб менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он дар робитаи зич бо равандҳои минтақавию ҷаҳонӣ қарор дорад, ташаккули низоми самараноки танзими молиявӣ яке аз шартҳои муҳимми таъмини суботи макроиқтисодӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Зарурати таҳкими низоми танзими молиявӣ, пеш аз ҳама, бо нақши он дар ташаккули сиёсати иқтисодии давлат, таъмини мувозинати молиявӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда муайян карда мешавад. Дар ин замина, масъалаҳои такмили сиёсати молиявию буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ, рушди бозорҳои молиявӣ ва таҳкими заминаҳои институтсионалии танзими муносибатҳои молиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар ин раванд, самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, таъмини устувории низоми буҷетӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, рақамикунонии равандҳои молиявӣ ва васеъ намудани дастрасии субъектҳои иқтисодӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ равона шудаанд, аҳамияти хосса доранд. Амалисозии ин тадбирҳо барои ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар заминаи зарурӣ фароҳам меорад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии танзими молиявӣ, муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои такмили механизмҳои он дар шароити иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти мазкур мубрам буда, интихоби он аз нигоҳи талаботи рушди иқтисоди миллӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии низоми танзими молиявӣ асоснок арзёбӣ мегардад.

3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомшуда масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи илман асоснок пайдо карда, тамоми пешниҳод, тавсия ва муқаррароти концептуалию амалӣ бо истифода аз методологияи мукаммали илмӣ ва абзорҳои муосири таҳлили молиявӣ собит карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди иттилоотӣ, аз ҷумла, маълумоти расмии оморӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маводи таҳлилии илмӣ таъмин карда мешавад.

Дар раванди таҳқиқот инчунин маҷмуи усулҳои илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои оморӣ ба кор бурда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили амиқи натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, моделикунии математикию оморӣ ва арзёбии ҳолати воқеии танзими молиявии таҳия шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот равишҳо ва усулҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар раванди мӯзиш барои таҳлил, муқоиса ва арзёбии масъалаҳои мавриди назар истифода шудаанд. Дар ин замина усулҳои умумиилмии таҳлилу синтез, қиёскунӣ ва баҳогузорӣ, инчунин усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, интишороти зиёди диссертант дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ ва натиҷаҳо дар конфронсҳои муҳими байналмилалию ҷумҳуриявӣ эътимоднокии баланд доштани аҳкоми илмии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

4. Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии таҳқиқот ҳамчун қисми асосии рисолаи илмӣ тамоми дастовардҳои назариявӣ ва методию амалии диссертатсияро дар бар гирифта, дар он масоили мубрами танзими молиявии рушди иқтисодиёт ва аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии онҳо дар шароити муосир ва як қатор роҳу усулҳои идораи босамари масъалаи мазкур баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот, ки ҳамчун унсурҳои навгонии илмӣ пешниҳод шудаанд:

- дар асоси омӯзиши ақидаҳои назариявии олимон ва таҷрибаи амалии танзими молиявӣ, равишҳои асосии ташаккул ва рушди низоми мазкур муайян гардида, хусусиятҳои татбиқи механизмҳои он асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, таърифи муаллифии мафҳуми «танзими молиявӣ» таҳия гардидааст, ки тибқи он: «танзими молиявӣ ҳамчун унсури таркибии сиёсати иқтисодии давлат баромад намуда, барои нигоҳдории устувории низоми молиявӣ, коҳиш додани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани буҳронҳои молиявӣ ва таъмини тақсимоту истифодаи мақсадноки захираҳои молиявӣ равона карда мешавад».

- принсипҳо ва усулҳои ташаккули низоми танзими молиявии иқтисодиёт муайян гардида, хусусият ва роҳҳои татбиқи онҳо асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, нақши механизмҳои танзими молиявӣ дар идоракунии иқтисодиёт ва аҳаммияти истифодаи самараноки онҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар муайян карда шудааст.

- дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, шаклу воситаҳои таъсиррасонии молиявӣ ва заминаҳои институтсионалии низоми мазкур таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, мушкилоти баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти молиявӣ, таҳкими сохторҳои институтсионалӣ ва тавсеаи бозорҳои молиявӣ муайян карда шудаанд.

- бо дарназардошти вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии такмили низоми танзими молиявӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, маҷмӯи тадбирҳо ва механизмҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии он пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин, нақши низоми устувор, шаффоф ва мутобиқшавандаи молиявӣ дар ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудааст.

5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди заминаҳои назариявию методологии танзими молиявии иқтисодиёти миллӣ, мушаххас намудани принсипҳо ва усулҳои таъсиррасонии молиявӣ ба равандҳои иқтисодӣ, инчунин асоснок намудани равишҳои муосири такмили механизми мазкур зоҳир мегардад. Муқаррароти илмии пешниҳодшуда барои васеъ намудани доираи таҳқиқоти назариявӣ дар самти танзими молиявӣ ва муайян намудани робитаи он бо рушди устувори иқтисодӣ замина фароҳам меоранд.

Ҷанбаи амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, такмили механизмҳои сиёсати буҷетию андозӣ, рушди институтҳои молиявӣ ва тақвияти танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ ифода меёбад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ, таҳкими суботи макроиқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳо бошад, дар фароҳам овардани замина барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ инъикос меёбад.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва асоснокии он. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи заминаи кофии назариявию методологӣ, омӯзиши осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, инчунин такя ба маълумоти расмии оморӣ ва санадҳои меъёрии

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои таҳлилу синтез, муқоисавӣ, иқтисодию риёзӣ, оморӣ, пешгӯӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ истифода шудаанд, ки барои арзёбии вазъи низоми молиявӣ, муайян намудани тамоюлҳои асосӣ ва ошкор сохтани робитаи байни нишондиҳандаҳои молиявию макроиқтисодӣ имконият фароҳам овардаанд.

Ҳамзамон, асоснокии натиҷаҳои бадастомада бо таҳлили низомноки равандҳои молиявӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва мутобиқати хулосаву пешниҳодҳои муаллиф ба шароити воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёфтааст. Мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмӣ ва тасдиқи истифодаи баъзе аз онҳо бо санадҳои дахлдор низ аз эътимоднокӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

7. Татбиқи амалии натиҷаҳо ва манфиатҳои иқтисодии он. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳамияти амалӣ буда, имконияти истифодаи онҳоро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои молиявӣ фароҳам меоранд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмили механизмҳои танзими молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва таҳкими заминаи институтсионалии низоми молиявӣ метавонанд дар фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор мавриди истифода қарор гиранд.

Манфиати иқтисодии татбиқи натиҷаҳои диссертатсия пеш аз ҳама дар фароҳам овардани имконият барои истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ, беҳтар намудани самаранокии хароҷоти давлатӣ, коҳиш додани хавфҳои молиявӣ ва таҳкими заминаи рушди устувори иқтисоди миллӣ ифода меёбад.

8. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот. Ҳамаи марҳилаҳои иҷроиши нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла, таҳияи мавзуъ, асосноккунии аҳаммияти илмию назариявӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, таҳлили вазъи масъала, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодот доир ба беҳсозии фазои танзими молиявии бевосита аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд.

Инчунин, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ низ ба назар мерасанд, ки саҳми илмии муаллифро дар танзими молиявии рушди иқтисодиёти ҷумҳури равшан инъикос менамоянд.

9. Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқати он. Дар автореферат оид ба муҳокимаи натиҷаҳо дар чорабиниҳои илмӣ ва истифодаи мавод дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дар раванди фаъолияти корӣ дар Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст (саҳ.13). Натиҷаҳои нисбатан муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, дар маҷмуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд (саҳ. 13).

Мунташироти муаллиф пуррагии нашри натиҷаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва муқаррароти навгонии илмии дар диссертатсия овардашударо нишон медиҳад.

10. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 197 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 14 расм, 18 ҷадвал ва 6 диаграммаро дар бар мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 164 номгӯй иборат буда, аз ҷумла асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Пайванди мантиқии бахшҳо дар он зоҳир мегардад, ки асосҳои назариявии боби якум барои интихоби самтҳои таҳлили боби дуюм замина гузошта, натиҷаҳои таҳлили молиявӣ бояд асоси пешниҳодҳои боби сеюм бошанд. Сохтор ва мақсади таҳқиқот мувофиқ буда, робитаи ҳар як вазифа бо натиҷаи мушаххас дида мешавад.

Арзёбии муқаддимаи диссертасия асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот таҳлилу баррасӣ гардида, саҳеҳӣ ва андозаи баррасии объекту мавзуи таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда илман асоснок гардидаанд (С.4-14).

Ҷиҳати мусбати гузориши масъала робитаи он бо шароити мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, муаллиф масъалаи самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти

Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти шароити кунунӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххасро таҳия ва пешниҳод намудааст. Мақсади таҳқиқот ба таҳияи механизмҳои самараноки такмили танзими молиявӣ равона карда шуда, вазифаҳо омӯзиши заминаҳои назариявӣ, арзёбии вазъи муосир ва асосноксозии такмили самтҳо, роҳҳо ва таҳияи дурнамои раванди механизми танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллиро фаро мегиранд. Ин пайдарпайӣ барои ташкили таҳқиқоти иқтисодӣ асоси қобили қабул фароҳам меорад.

Ҳамзамон, дар шарҳи асосҳои методологӣ принсипҳо ва манитиқи ташкил намудани таҳқиқот оварда шуда, самт ва тартиби гузаронидани таҳқиқотро муайян менамояд. Он аз усулҳои ҷавмъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот фарқ дошта, заминаи назариявӣ ва мантиқии интихоби онҳоро ташкил медиҳад. Фарзияи таҳқиқот низ тавассути робитаҳои санҷидашаванда ва нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷавӣ дақиқтар ифода ёфта метавонад.

Арзёбии боби якум. Дар боби якуми рисолаи илмӣ – «Асосҳои назариявию методологии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир», асосҳои назариявии танзими молиявӣ унсури асосии сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки ба таъмини субот ва рушди устувори низоми молиявӣ нигаронида шудааст, ки имкони истифодаи он дар доираи маводҳои илмӣ ва воқеиятҳои мавҷуда таҳлилу баррасӣ гардидааст (С.15-63).

Муаллиф дар доираи таҳияи боби якум, махсус дар зербоби 1.1, ки «ҷанбаҳои назариявӣ оид ба танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар шароити муосир» номгузорӣ шудааст. Аз ҷониби муаллиф мафҳум, моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни аслии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин бахш аз ҷониби муаллиф муайян гардид, ки мушкилоти муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, дараҷаи баланди номуайянӣ ва пайвастагии афзояндаи бозорҳои молиявӣ аз нав дида баромадани асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули танзими самараноки молиявиро тақозо мекунанд. Ҳамчунин, унвончӯ омилҳои асосии ба вуҷуд овардани танзими давлатиро ошкор сохта, заминаҳои назариявии таъмини молиявии рушди иқтисодиётро пешниҳод намудааст (С.15-32).

Муаллиф дар зербоби 1.2 таҳқиқи заминаҳои методологӣ ва принсипҳои танзими молиявии рушди иқтисодиётро дар шароити муосири иқтисодӣ таҳқиқ кардааст. Дар ин зербоб самаранокии танзими молиявӣ асосан бо риояи принсипҳои бунёдие, ки дар ташкил ва татбиқи он қарор

доранд, муайян карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки принсипҳои асосии танзими молиявӣ асоси сиёсати самаранок ва одилонаи молиявиро ташкил медиҳанд Дар маҷмуъ, ҳамаи принсипҳои танзими молиявӣ роҳнамоии бунёдии сиёсати молиявии давлатро ифода мекунанд. Риояи онҳо самаранокӣ, адолат ва устувории низоми молиявиро таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад (С.32-46).

Диссертант дар зербоби 1.3 таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҷрибаи кишварҳои гуногун дар соҳаи танзими молиявӣ бо хусусиятҳои хоси худ хеле фарқ мекунанд ва дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ, сохтори бозори молиявӣ, инчунин анъанаҳои таърихию ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Такмили низоми бонкӣ тавассути таҳкими заминаи ҳуқуқию меъёрӣ, мутобиқсозии фаъолияти бонкҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла талаботи Базел III, инчунин фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармояи муассисаҳои бонкии хориҷ ба бонкҳои ватанӣ мебошад (С.46-62).

Арзёбии боби дуюм. Дар боби дуюми рисолаи илмӣ бошад – «Вазъи муосири самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявӣ, сиёсати буҷетӣ, банақшагири фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва механизми танзими молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (С.64-122).

Дар зербоби 2.1 боби дуюми диссертатсия, ки саҳифаҳои 64 то 86-ро фаро мегирад, диссертант таваҷҷуҳи аслии худро ба омӯзиши амиқи таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона кардааст. Таҳқиқотчӣ тавассути коркарди омории нишондиҳандаҳои молиявии соҳавӣ ва истифодаи усулҳои эконометрӣ сатҳи таъсирпазирии низоми молиявиро аз таконҳои дохилию берунӣ санҷидааст. Дар асоси ин таҳлилҳо аз ҷониби муаллиф таносуби қарзи давлатӣ ҳисоб карда шуда, сабабҳои воқеии коҳиш ёфтани қарзи беруна нисбат ба ММД дар солҳои 2017-2024 бо далелҳои қотеъ ошкор ва асоснок карда шудаанд.

Дар доираи зербоби 2.2, ки аз саҳифаи 86 оғоз гардида, то саҳифаи 102 давом мекунад, муаллиф арзёбии самаранокии механизмҳо ва фишангҳои танзими молиявии рушди иқтисодиётро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, зикр намудааст, ки асосҳои танзими молиявӣ механизмҳое мебошанд, ки мақомоти давлатӣ, бонкҳои марказӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ бо мақсади таъсир расонидан ба иқтисодиёт, идоракунии ҳаҷми пул ва нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ истифода мебаранд.

Мазмуни зербоби 2.3, ки саҳифаҳои 102 то 122-ро ташкил медиҳад, ба мониторинг ва арзёбии институтсионалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Диссертант рушд ва таҳкими сохтори институтсионалии танзими молиявӣ ба мубориза бо коррупсия, баланд бардоштани шаффофияти муомилоти молиявӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузориро зери таҳлил қарор додааст.

Арзёбии боби сеюм. Дар боби сеюми диссертатсия «Самтҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», роҳҳои такмил ва танзими молиявии дар шароити ҷаҳонишавӣ кишвар бо мушкилоти гуногун, аз қабили ноустувории иқтисодӣ, буҳрони молиявӣ, рақобати байналмилалӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст (С.124-169).

Дар зербоби 3.1 унвончӯ роҳҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши технологияҳои инноватсиониро дар беҳтар кардани манзараи бехатарии молиявӣ ва коҳиши хавфҳои кибернетикию оператсионӣ мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Таҳқиқотчӣ бо такя ба дастовардҳои муосири рақамикунонӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр метавон тавассути татбиқи системаҳои автоматикунонидашудаи назорат таҳдидҳои технологию иттилоотӣ ҳифз намуд (С.124-139).

Зербоби 3.2 усулҳои оқилона гардонидани механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ, механизми буҷетӣ яке аз самтҳои асосии амалисозии танзими молиявӣ буда, тавассути ҷамъоварии даромадҳо ва самаранок истифода намудани маблағҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ба манбаъҳои асосии пуркунии буҷет пардохтҳои андозӣ, боҷҳои гумрукӣ, маблағҳои қарзию грантӣ дохил мешаванд (С.139-156).

Дар зербоби 3.3 дурнамои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 номгузорӣ шудааст. Бо дарназардошти ин, истифодаи усулҳои муосири таҳлилӣ ва арзёбии омилҳои таъсиррасон метавонад ба ҳадафҳои таҳқиқоти мазкур мувофиқ буда, барои ба даст овардани натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок замина фароҳам созад. Талаботи таҳқиқоти муосир низ истифодаи васеи усулҳои самараноки таҳлил ва баҳодиҳиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот усули моделсозии риёзию иқтисодӣ ба кор гирифта шуда, тавассути таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ робитаи байни нишондиҳандаҳои интихобшуда ва дараҷаи таъсири омилҳои асосӣ муайян

карда мешавад (С.156-169). Бартарии пешниҳодҳо дар истифодаи мақсадноки усулҳои муосири танзим ва риояи принсипҳои асосии он метавонад ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои молиявӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувор ва баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд. Модели консептуалии танзими молиявии дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида ба таҳкими суботи иқтисодӣ ва эътимоднокии низоми молиявӣ, тавсеаи бозорҳои молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ нигаронида шуда, он хусусиятҳои хоси иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои молиявии он, инчунин, омилҳои иқтисодию сиёсии беруниро низ ба инобат гирифтааст.

Албатта, истифодаи усулҳои иқтисодӣ-математикӣ барои муайянсозии сатҳи қарзи давлатӣ, ҳолати даромаду хароҷоти буҷет, ҳаҷми сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ робитаи муайян доранд. Дар ин замина, коҳиш додани қарзи дохилию беруна, беҳтар намудани идоракунии маблағҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, инчунин истифодаи оқилонаи имкониятҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ метавонанд барои таҳкими заминаҳои рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои хусусияти амалидошта оид ба танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. (С.171-175).

11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи амалкунанда. Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикстон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

12. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда. Сабурзода Фаридуни Мирзоали мутахассиси варзида дар соҳаи молия ва танзими молиявии рушди иқтисодиёт буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самтро доро

мебошад ва таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассуси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва ба талаботи чунин намуди корҳо ҷавобгӯ мебошанд. Самти мазмуни фаъолияти илмии довталаб ба ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) иртибот дорад.

13. Арзёбии автореферати диссертатсия. Автореферати диссертатсия таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушаххасоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию амалӣ ҷиҳати хусусиятҳо ва роҳҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода мекунад. Автореферати диссертатсия имкон медиҳад, ки самти таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии эълоншуда арзёбӣ карда шаванд.

Мутобиқати автореферат ба диссертатсия, аз ҷумла мақсад, вазифаҳо, нуктаҳои навгонӣ, ҷадвалҳо, формулаҳо, хулосаҳо ва рӯйхати интишорот дида мешавад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тартиб дода шудааст, ки ба якдигар мутобиқат мекунанд.

14. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Дар баробари муваффақиятҳои диссертатсия, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, баъзе камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии таҳқиқотро беҳтар хоҳанд намуд:

1. Дар модели консептуалӣ назарияҳои классикӣ, кейнсионӣ, монетаристӣ ва институтсионалӣ ҳамчун заминаи назариявии танзими молиявӣ пешниҳод шудаанд (расми 1.1., саҳ. 31). Ба андешаи мо шарҳи мухтасари хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо ва имкониятҳои истифодаашон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист мазмуни моделро боз ҳам мукаммал гардонад.

2. Муаллиф усулҳои гуногуни танзими молиявӣ, аз ҷумла фискалӣ, монетарӣ, асъорӣ, маъмурӣ ва барномавию мақсаднокро баррасӣ намудааст (саҳ. 41-46). Хуб мешуд, ки хусусиятҳои татбиқи амалии онҳо дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас инъикос меёфтанд.

3. Дар диссертатсия таснифоти шаклҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёт пешниҳод гардидааст (саҳ. 90), ки қобили дастгирист. Ба фикри мо меъёрҳои гурӯҳбандии онҳо ва фарқияти байни шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои танзими молиявӣ метавонистанд равшантар шарҳ дода шаванд.

4. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ самтҳои гуногуни такмили механизми танзими буҷетиро пешниҳод намудааст (саҳ. 97), ки ин хуб аст. Гурӯҳбандии ин тадбирҳо аз рӯйи самтҳои афзалиятнок ва пайдарпайии татбиқ метавонист ҷанбаи амалии пешниҳодҳоро боз ҳам тақвият бахшад.

5. Дар кори диссертатсионӣ нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар баланд бардоштани шаффофияти молиявӣ ва самаранокии назорати андоз таъкид шудааст (саҳ. 135). Ба ақидаи мо истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ барои инъикоси динамика ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам тақвият медод.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда бештар ба ҷанбаҳои техникӣ ва сохтории таҳқиқот дахл дошта, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш надода, ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулосаи умумӣ. Таҳқиқоти пешниҳодшуда ба масъалаҳои мубрами илмию амалии молия, муомилоти пулӣ ва қарз бахшида шудааст. Баррасии шаклҳо ва фишангҳои асосии таъсиррасонии молиявӣ ба бахшҳои иқтисоди миллӣ, асосноксозии асосҳои институтсионалии низоми танзими молиявӣ дар шароити муосир ва муайянсозӣ ва асосноксозии самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти шароити кунунӣ ва дурнамои рушди он сазовори арзёбии мусбат мебошанд. Натиҷаҳои баёншуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва имконияти истифодаи амалӣ мебошанд.

Диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикстон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 74-78 ва намунаи замимаи 4 ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафаров Сайфулло Зикрилоевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №4/1 аз 17 ноябри соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи назарияи иқтисодии
ДДБ ба номи Носири Хусрав,
доктори фалсафа (PhD), дотсент Шамсов Ҷ.И.

Эксперт:
н.и.и., омӯзгори кафедраи назарияи
иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав Сафаров С.З.

Котиби илмии ҷаласа:
н.и.и., дотсени кафедраи назарияи
иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав Расулзода Д.Б.

Имзоҳои Шамсов Ҷ.И., Сафаров С.З. ва Расулзода Д.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроғаи ҳуқуқии муассисаи пешбар:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; Тел./Fax.: 8(3222)2-54-81, 8(3222)2-22-53; E-mail: bgu-1978@mail.ru; сомонаи расмӣ: www.btsu.tj.

«18» 11 с. 2026